Хонандагони гиромӣ!

**Дар ин нашри навбати мо кӯшиш менамоем ба Шумо дар бораи чӣ будани патент маълумот диҳем. Инак, Шумо қарор додед, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавед, аммо намедонед аз чӣ сар кунед. Дар навбати аввал биёед ба қонунгузории ҶТ назар меандозем ва мебинем, ки вай дар ин бора чӣ мегӯяд.**



## Фаъолияти соҳибкорӣ чист.

Моддаи 9 Кодекси андозизи ҶТ, ки «Фаъолияти иқтисодии соҳибкорӣ (фаъол) ва ғайрисоҳибкорӣ (ғайри фаъол) » ном дорад дар он ҷо гуфта мешавад:

Фаъолияти соҳибкорӣ ҳамагуна фаъолияти иқтисодие мебошад, ки мувофиқи моддаи мазкур фаъолияти иқтисодии ғайрисоҳибкорӣ ба шумор меравад.

Фарқияти фаъолияти иқтисодии соҳибкорӣ аз фаъолияти иқтисодии ғайрисоҳибкорӣ дар чӣ мебошад. Ин фарқият дар он ифода мегардад, ки ҳангоми баамаловардани фаъолияти соҳибкорӣ даромад (фоида) аз он вобастагӣ дорад, ки худи соҳибкор то кадом дараҷа фаъол мебошад, аз он ҳаракатҳое, ки соҳибкор барои зиёд шудани даромад (фоида)- аш ба анҷом медиҳад. Аммо фаъолияти ғайрисоҳибкорӣ даромадро аз ҳисоби дигар кас мегирад. Масъалан, Шумо хонаатонро ба иҷора медиҳед ва ҳар моҳ аз ин ҳисоб фоида ба даст меоваред, аммо Шумо хонаро истифода намебаред, балки шахсони дигар онро истифода мебаранд. Мисоли дигар, Шумо дар бонк маблағи пули гузоштед ва аз ин ҳисоб ҳар моҳ даромад гирифтед.



Ҳамин тариқ, фаъолияти соҳибкорӣ – ин фаъолияти мустақилонае мебошад, ки мақсади ниҳоии он гирифтани фоида аз истифодабарии молумулк, фурӯши мол, иҷроиши кор ва хизматрасонӣ.



## Фаъолияти соҳибкории шаҳрвандон.

Мувофиқи моддаи 24 Кодекси граждании ҶТ, шаҳрвандон ҳуқуқ доранд аз лаҳзаи бақайдгирифтани давлатии патент бе ташкил намудани шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд.

| |
|---|
| **Шахси воқеӣ – одам, шаҳрванд.**<br>**Шахси воқеӣ - ташкилот** |

Агар Шумо ба фаъолияти соҳибкорӣ бе ташкил намудани шахси ҳуқуқӣ аз номи худ, бо таваккал ва бо ҷавобгарии молумулкиатон баромад намоед, Шумо соҳибкори инфродӣ (индувидиалӣ) ба ҳисоб меравед.Соҳибкорони инфродӣ дар асоси патент, ки дар як вақт шаҳодатномаи давлатии бақайдгирӣ ва литсензия (иҷозатнома) барои ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ ба шумор меравand фаъолият менамоянд. Аммо қобили ёдоварист, ки барои баъзе намудҳои фаъолият доштани танҳо патент кифоя нест, зарур аст, ки Шумо литсензия (иҷозатнома ) дошта бошед. Оиди литсензия мо ба Шумо дар нашри оянда пурратар маълумот хоҳем дод.

| |
|---|
| **Патент – шаҳодатнома барои додани ҳуқуқи машғул** … **пеша ба шумор меравад.** |

| |
|---|
| **Литсензия –иҷозатномаи махсус барои ба амал баровардани ягон намуди фаъолият** |

Бақайдгирии давлатӣ аз як тараф барои он зарур аст, ки Шумо аз кафолатҳое, ки давлат пешбинӣ намудааст истфода баред ва аз тарафи дигар бар дӯши Шумо гузоштани



ӯҳдадорӣ оиди пардохт намудани андоз.

Агар Шумо, хоҳиши ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуданро крада бошед, дар навбати аввал бояд ба мақомоти андози шаҳр ё ноҳияи ҷои истиқомататон барои бақайд гирифтан бо ариза муроҷиат намоед. Ба Шумо дар асоси аризатон патент медиҳанд, ки ба маблағи он пардохтҳои иҷтимоӣ низ дохил мешаванд. Дар ҷои патент метавонад шаҳодатнома низ дода шавад. Пардохти маблағи патент метавонад ҳар моҳ бо асълори миллӣ, яъне сомонӣ пардохт карда шавад. Патент то лаҳзаи оғоз намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва пардохти маблағи он дода мешавад. Маблағи патент ба тариқи зайл рӯёнда мешавад. Агар Шумо патентро то таърихи 15 моҳ гирифта бошед, тамоми маблағи онро пардохт менамоед. Агар баъди таърихи 15 моҳ муроҷиат карда бошед, моҳ нопурра ҳисоб карда мешавад ва нисфи маблағ пардохт карда мешавад.

Агр ба Шумо ҳолатҳое рух диҳанд, ки патентро гум намоед, ба Шумо нусхаи патент дода мешавад ва Шумо вазифадоред 10 фоизи нархи пештараашро пардохт намоед. Масъалан, агар патент 10 сомонӣ арзиш дошта бошад, барои нусхааш ба Шумо лозим аст, ки 1 сомонӣ пардохт намоед.



Қобили ёдоварист, ки бо як патент танҳо як шахсе, ки дар он ному насабаш нишон дода шудааст ҳуқуқи ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуданро дорад. Агар Шумо ба фаъолияти соҳибкорӣ бо тамоми аҳли оилаатон ва дӯстонатон машғул шавед, Шуморо лозим аст, ки барои ҳар яки онҳо патенти алоҳида гиред. Ҳамин тавр агар Шумо ба якчанд намуди фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавед, ба Шумо лозим аст, ки оиди ҳар як намуди фаъолият патенти алоҳида гиред. Давраи фаъолияти Шумо дар асоси патент ба собиқаи кории Шумо дохил шуда, ба Шумо дар оянда

ҳуқуқи гирифтани нафақаро аз рӯи синну сол медиҳад . Ба ғайр аз ин Шумо ҳуқуқ доред ба дигар шахсон шартномаи меҳнатӣ бандед ва ба онҳо низ патент гиред. Масъалан, шумо мағоза кушодед, аммо Шумо бевосита худатон имконияти дар он ҷо нишаста савдо карданро надоред, Шумо метавонед шахси дигарро кироя намоед. Шумо бо вай шартномаи меҳнатӣ баста, ба вай патент мегиред.

Мо ба Шумо ҳоло рӯйхати баъзе намудҳои фаъолияти соҳибкориеро, ки дар асоси патент фаъолият менамоянд ва аз онҳо андоз аз даромад ва пардохтҳои иҷтимоӣ дар асоси патент ситонда мешаванд бо нишон додани нархи онҳо меоварем.

| № | Номгӯи фаъолият | Пардохти патент (бо сомонӣ) | Пардохти иҷтимоӣ | Маблағи умумӣ |
|---|---|---|---|---|
| **Истеҳсол ва фурӯш** | | | | |
| 1. | Қолин ва маҳсулоти қолинӣ | 10 | 2 | 12 |
| 2. | Либос, сарпӯш ва маҳсулоти мӯина | 8 | 1.6 | 9,6 |
| 3. | Маҳсулоти бофта ва гулдӯзи | 7 | 1,4 | 8,4 |
| 4. | Ҷилдҳо барои автомошинаҳо. Густурдани онҳо | 15 | 3 | 18 |
| 5. | Маҳсулот аз полиэтилен ва қоғаз | 10 | 2 | 12 |
| 6. | Маҳсулот аз тунука | 15 | 3 | 18 |
| 7. | Маснуоти кулолӣ ва танӯр | 7,5 | 1,5 | 9 |
| 8. | Масолеҳи сохтмонӣ (хишт, семблок, гипсоблок ва ғ.) | 10 | 2 | 12 |
| 9. | Мебел | 25 | 5 | 30 |
| 10. | Маснуоти заргарӣ ва таъмири он (ғайр аз металлҳои қимматбаҳо) | 7,5 | 1,5 | 9 |
| 11. | Маснуоти заргарӣ ва таъмири он (аз | 10 | 2 | 12 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | металлҳои қимматбаҳо) | | | |
| 12 | Асбобҳои хоҷагӣ | 4,5 | 0,9 | 5,4 |
| 13. | Бозича ва армуғон | 3 | 0,6 | 3,6 |
| 14. | Қуттиҳои чӯбин, посилка ва мева | 3 | 0,6 | 3,6 |
| 15. | Асбобҳои мусиқӣ ва таъмири онҳо | 4,5 | 0,9 | 5,4 |
| 16. | Пойафзол | 9 | 1,8 | 10,8 |
| 17. | Маснуот аз пластмас | 7,5 | 1,5 | 9 |
| 18. | Гулҳои сунъи | 3 | 0,6 | 3,6 |
| 19. | Маснуот аз метал (ғайр аз тунука) | 20 | 4 | 24 |
| 20. | Сохтан ва фурӯши асбобҳои моҳидорӣ | 3 | 0,6 | 3,6 |
| 21. | Равғани растанӣ | 15 | 3 | 18 |
| 22. | Ширавории миллӣ ва маҳсулоти қанодӣ | 7,5 | 1,5 | 9 |
| 23. | Патароқи чуворимакка ва биринҷ | 3 | 0,6 | 3,6 |
| 24. | Яхмос | 15 | 3 | 18 |
| 25. | Ҳасиб аз гӯшт | 20 | 4 | 24 |
| 26. | Нӯшокиҳои миллӣ | 4,5 | 0,9 | 5,4 |
| 27. | Ҷамъоварӣ ва фурӯши меваҳои ёбоӣ (замбурӯғ ва растаниҳои доругӣ) | 3 | 0,6 | 3,6 |
| 28. | Асал | 9 | 1,8 | 10,8 |
| 29. | Нон ва маҳсулоти нонӣ | 12 | 2,4 | 14,4 |
| 30. | Маҳсулоти макаронӣ | 7,5 | 1,5 | 9 |
| 31. | Нӯшокиҳои ғайриалкоголӣ, пиво | 10 | 2 | 12 |
| 32. | Сабзавоти шӯр ва туршкардашуда | 7,5 | 1,5 | 9 |
| 33. | Парвариш ва фурӯши моҳиҳо дар аквариумҳо ва парандаҳо дар қафас | 3 | 0,6 | 3,6 |
| 34. | Нос, тамоку | 20 | 4 | 24 |
| 35. | Моҳии дудандохташуда (шӯрмоҳӣ) | 4,5 | 0,9 | 5,4 |
| 36. | Тайёр намудан ва | 5 | 1 | 6 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | фурӯхтани таомҳо (бе ҷои нишаст) | | | |
| 37. | Маҳсулоти чӯбкорӣ (сандуқ, гаҳвора, табақ ва ғайра) | 7,5 | 1,5 | 9 |
| Хизматрасонӣ | | | | |
| 38. | Сартароши дар шаҳрҷойҳо | 15 | 3 | 18 |
| 39. | Сартароши дар деҳот | 3 | 0,6 | 3,6 |
| 40. | Машшота (маникюр ва педикюр) | 20 | 4 | 24 |
| 41. | Таъмини мебел ва маснуоти чӯбин | 7,5 | 1,5 | 9 |
| 42. | Тамири дастгоҳи радио ва телевизор | 9 | 1,8 | 10,8 |
| 43. | Таъмри таҷҳизот ва олоти машӣ | 6 | 1,2 | 7,2 |
| 44. | Таъмири соатҳо | 7,5 | 1,5 | 9 |
| 45. | Таъмири воситаҳои нақлиёт ва хизматрасонии онҳо | 25 | 5 | 30 |
| 46. | Таъмири зарфҳои хонагӣ | 3 | 0,6 | 3,6 |
| 47. | Таъмири пойафзол | 7,5 | 1,5 | 9 |
| 48. | Поккории пойафзол | 3 | 0,6 | 3,6 |
| 49. | Корҳои таъмиру сохтмон | 12 | 2,4 | 14,6 |
| 50. | Чарх кардани кор ва дигар ашё | 4 | 0,8 | 4,8 |
| 51. | Фаъолияти стоматологӣ | 20 | 4 | 24 |
| 52. | Фаъолияти духтурӣ | 12 | 2,4 | 14,4 |
| 53. | Чаронидани чорво | 4,5 | 0,9 | 5,4 |
| 54. | Суратгирӣ | 10 | 2 | 12 |
| 55. | Хушкашӯи ва рангкунии ашё | 10 | 2 | 12 |
| 56. | Корҳои муқовабандӣ | 3 | 0,6 | 3,6 |
| 57. | Корҳои сопи мошинка | 4 | 0,8 | 4,8 |
| 58. | Таъмири камераҳо ва манжетҳо | 6 | 1,2 | 7,2 |
| 59. | Хизматрасонии маросимҳо(сохтани ёдгорӣ, панҷараҳо) | 5 | 1 | 6 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 60. | Фаолияти брокерӣ | 25 | 5 | 30 |
| 61. | Машқи дарси хонагӣ | 5 | 1 | 6 |
| 62. | Даллоли дар бозор | 6 | 1,2 | 7,2 |
| 63. | Корҳои ҳаккокӣ | 6 | 1,2 | 7,2 |
| 64. | Кӯфтани ғалла | 12 | 2,4 | 14,4 |
| 65. | Шоназании пахта | 7,5 | 1,5 | 9 |
| 66. | Корҳои оҳангарӣ | 10 | 2 | 12 |
| 67. | Нусхабардории ҳуҷҷатҳо | 10 | 2 | 12 |
| 68. | Сабти овоз ва видео | 15 | 3 | 18 |
| 69 | Ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ ва варзишӣ | 6 | 1,2 | 7,2 |
| 70. | Иҷорагирии муваққатии наворҳои видео ва либосҳои тӯёна | 20 | 4 | 24 |
| 71. | Намоиши видеофилмҳо | 25 | 5 | 30 |
| 72. | Алоқаи телефонӣ | 3 | 0,6 | 3,6 |
| 73. | Наворбардории ҳаргуна ҷашнҳо | 25 | 5 | 30 |
| 74. | Видеобар | 20 | 4 | 24 |
| 75. | Бозиҳои компютерӣ барои кӯдакон | 10 | 2 | 12 |
| 76. | Коркарди чӯбу тахта | 12 | 2,4 | 14,4 |
| 77. | Қуввадиҳи аккамуляторҳо | 7,5 | 1,5 | 9 |
| 78. | Бағоҷхона | 12 | 2,4 | 14,4 |
| 79. | Фаъолияти (маркизӣ) маълумотдиҳӣ | 3 | 0,6 | 3,6 |
| 80. | Сарояндагон | 30 | 6 | 36 |
| 81. | Раққосон | 20 | 4 | 24 |
| 82. | Навозандагон | 20 | 4 | 24 |
| 83. | Меҳмонхонаи хусусӣ<br>то 4 ҷои хоб<br>Зиёда аз 4 ҷои хоб барои ҳар як ҷой | 10<br>2 | 2<br>0,40 | 12<br>2,40 |
| 84. | Истгоҳи шабонарӯзии автомашинаҳо | 25 | 5 | 30 |
| 85. | Бозори хусусӣ:<br>а) то 50 ҷой<br>б) аз 50 то 100 ҷой | <br>30<br>60 | <br>30<br>12 | <br>60<br>72 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | в)зиёда аз 100 ҷой | 80 | 16 | 96 |
| 86. | Кашондани мусофирон бо нақлиёти хусусӣ:<br>а) бо автобусҳо то 20 ҷои нишаст<br>• бо автобусҳо аз 20 то 30 ҷои нишаст<br>• бо автобусҳои зиёда аз 30 ҷои нишаст<br>б) бо микроавтобусҳо<br>в) бо мошинҳои сабукрав | 15<br>20<br>25<br>15<br>6 | 3<br>4<br>5<br>3<br>1,20 | 18<br>24<br>30<br>18<br>7,20 |
| 87. | Кашондани мусофирон бо нақлиёти иҷоравӣ:<br>а) бо автобусҳо то 20 ҷои нишаст<br>• бо автобусҳо аз 20 то 30 ҷои нишаст<br>• бо автобусҳои зиёда аз 30 ҷои нишаст<br>б) бо микроавтобусҳо<br>в) бо мошинҳои сабукрав | 10<br>15<br>20<br>10<br>5 | 2<br>3<br>4<br>2<br>1 | 12<br>18<br>24<br>12<br>6 |
| 88. | Кашондани бор бо нақлиёти шахсӣ:<br>а) бо қудрати борбарии то 3 тонна<br>б) бо қудрати борбарии зиёда аз 3 тонна<br>в) бо ароба ва дигар воситаҳои механикӣ | 20<br>30<br>5 | 4<br>6<br>1 | 24<br>36<br>6 |
| 89. | Кашондани бор бо нақлиёти иҷоравӣ:<br>а) бо қудрати борбарии то 3 тонна<br>б) бо қудрати борбарӣ зиёда аз 3 тонна | 15<br>20 | 3<br>4 | 18<br>24 |
| 90. | Кашонидани бор бо аробачаи дастӣ | 3 | 0,60 | 3,60 |
| 91. | Шудгори замин | 20 | 4 | 24 |
| 92. | Бозиҳои шавқовар | 30 | 6 | 36 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | (лотои русӣ) | | | |
| **Фаъолияти соҳибкорӣ** | | | | |
| 93. | Харид ва фурӯши молҳои саноатӣ, хӯрокворӣ, кишоварзӣ дар мағозаҳои майдони савдоаш то 5 м.м. Аз 5 боло ба ҳар як м.м. | 15<br>2 | 3<br>0,40 | 18<br>2,40 |
| 94. | Фурӯши нӯшокиҳои спиртӣ дар дӯконҳо ва мағозаҳо | 15 | 3 | 18 |
| 95 | Фурӯши нӯшокиҳои спиртӣ дар қаҳвахонаҳо ва тарабхонаҳо | 7 | 1,40 | 8,40 |
| 96. | Хариду фурӯши молҳои саноатӣ, хӯрокворӣ, кишоварзӣ дар дӯконҳои бидуни майдони савдо | 10 | 2 | 12 |
| 97. | Фурӯши қисмҳои эҳтиёҷотӣ барои нақлиёт дар бозорҳо ва кӯча | 10 | 2 | 12 |
| 98. | Савдои кӯсагӣ | 5 | 1 | 6 |
| 99. | Фурӯши нон ва маҳсулоти нонӣ | 3 | 0,60 | 3,60 |
| 100 | Фурӯши гулҳои табиӣ | 5 | 1 | 6 |
| 101. | Фурӯши рӯзномаву маҷаллаҳо | 3 | 0,60 | 3,60 |
| 102. | Фурӯши китоб ва асбобҳои хониш | 4,50 | 0,90 | 5,40 |
| 103. | Забҳи мол, фурӯши гӯшт | 10 | 2 | 12 |
| 104. | Фурӯши шир ва маҳсулоти ширӣ | 3 | 0,60 | 3,60 |
| 105. | Фурӯши сӯзишворӣ барои нақлиёт аз автомашинаҳои махсус | 50 | 10 | 60 |
| 106. | Фурӯши сӯзишворӣ барои нақлиёт дар кӯча (бо иҷозатнома) | 10 | 2 | 12 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 107. | Истеҳсол ва фурӯши таомҳо:<br>То 5 ҷои нишаст.<br>Ба ҳар як ҷои нишаст аз 5 боло. | 9<br>1 | 1,80<br>0,20 | 10,80<br>1,20 |
| 108. | Фурӯши доруворӣ | 40 | 8 | 48 |
| 109. | Кашондани бор бо налиёт хусусӣ бо қудрати борбардориаш то 1,5 тонна | 10 | 2 | 12 |
| 110. | Кашондани бор бо нақлиёти иҷоравӣ бо қудрати борбардориаш то 1,5 тонна | 7 | 1,40 | 8,40 |
| 111. | Тарозубонӣ | 10 | 2 | 12 |
| 112. | Дарави ғалла бо комбайни хусусӣ | 10 | 2 | 12 |
| 113. | Шустушӯи нақлиёт дар ҷойҳои махсус | 10 | | 12 |
| 114. | Шустушӯи нақлиёт дар дигар ҷойҳо | 3 | 0,60 | 3,60 |
| 115. | Иҷорадиҳии амвол барои гузаронидани маросимҳо (иморат, дигар аснод) | 35 | 7 | 42 |

*Нишонии мо: ш.Душанбе, кӯчаи Ҳ. Шерозӣ – 6*
*тел. 23-55-72*
*ш. Қӯрғонтеппа, кӯчаи Пушкин хонаи 10 утоқи 10*
*тел. 2 - 54 – 95*
*ш. Кӯлоб, кӯчаи И. Сомонӣ 24*
*тел. 2-40-74*

*Ин варақаро ба дӯстон ва наздиконат нишон деҳ!*

Муаллиф – Худоербекова Н.
Тарҷумон: Балаев М.

Варақа аз тарафи шӯъбаи иттилотию-нашриётии СБҲ «Ҳуқуқ ва беҳбудӣ» тайёр карда шудааст.

Маълумоте, ки дар ин варақа (буклет) мавҷуд аст, метавонад озодона аз сари нав чоп карда шавад ва тарҷума гардад, танҳо бо нишондоди сарчашма – СБҲ «Ҳуқуқ ва Беҳбудӣ».

**Душанбе 2003**

Созмони Байналхалқии
ҳуқуқҳимоякунандаи
«Ҳуқуқ ва беҳбудӣ»

# ПАТЕНТ ЧИСТ?



Бо дастгирии молиявии
n(o)vib (Ҳоланд)